**Тақриз**

**ба автореферати Нурматзода Ҳ. дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020. 165 с.**

Масъалаи таҳқики таърихи пайдоиш ва ташаккули анвои гуногуни созҳои мусиқии халқи тоҷик яке аз ҷанбаҳои то ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхта нагардидаи тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки дар Осиёи Миёна аз кадим-ул-айём созҳои мухталифи мусиқӣ (аз қабили чанг, най, рубобҳои гуногун, дафу дойра) васеъ маъмул гардида буданд. Қисми зиёди ин созҳо то ба замони мо омада расиданд ва имрӯз ҷузъи хеле муҳимми фарҳанги мусиқии халқи тоҷикро ташкил мекунанд.

Хушбахтона, бо заҳмату кӯшишҳои муаррихон, бостоншиносон ва мардумшиносони тоҷик ва рус иддаи хеле зиёди созҳои мусиқии миллӣ дар осорхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Россия мавриди ҳифз қарор доранд. Аммо мутаассифона, то кунун онҳо дақиқан таҳқиқ карда нашудаанд. Аз ҳамин нуктаи назар бояд эътироф намуд, ки диссертатсияи Ҳ. Нурматов яке аз аввалин рисолаҳои бахшида ба ин мавзӯи хеле муҳим ба шумор меравад.

Солҳои зиёд омӯзиши созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо то андозае аз мадди назари муаррихон, этнографҳо ва мусиқишиносон дур монда буд. Боиси хушнудист, ки пажуҳишгари ҷавон Нурматзода Ҳ. ба омӯзиши ҷомеи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, онҳоро таҳқиқ намудааст ва ин дастоварди тозаи илмӣ мебошад.

Диссертатсияи Нурматзода Ҳ. аз Муқаддима, ду боб, 4 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Муҳтавои афтореферат далели он аст, ки муҳаққиқ бо нуктасанҷӣ ва таваҷҷӯҳи хоса маводи зиёдеро ҷамъоварӣ намуда ба хазинаи созҳои мусиқии осорхонаҳои гуногуни кишвар баҳои тахассусӣ ва комилан илмӣ дода тавонистааст.

Муаллиф танҳо ба таҳқиқи созҳои мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд нашуда, боби якуми диссертатсияро **“Давраҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик”** номгузорӣ намуда, кӯшиш намудааст, ки дар ибтидо то кадом дараҷа мавриди омӯзиш қарор гирифтани созҳои мусиқии фонди осорхонаҳои Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро баррасӣ намояд. Боби якум иборат аз ду зербоб буда, муаллиф зербоби аввали онро - **“Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик”** ном гузоштааст.

Дар ин зербоб муаллиф аввал таърихи ҷамъоварии созҳои мусиқии тоҷикро ба осорхонаҳои Федератсияи Россия баррасӣ намуда, баъдан таърихи омӯзиши онҳоро пайгирӣ намудааст.

Дар натиҷаи таҳлили таълифоти муҳаққиқони болозикр муаллиф қайд менамояд, ки созҳои мусиқии тоҷикӣ то ҳанӯз аз ҷониби муҳаққиқони болозикр саҳеҳ омӯхта нашудаанд.

Нурматов дуруст ва объективона қайд менамояд, ки дар даврaҳои гузаштаи наздик созҳои мусиқии тоҷикӣ аз ҷониби баъзе муҳаққиқон (ба хусус В.М. Беляев), доир ба мансубияти ин созҳо маълумоти нодуруст (вобаста ба конюктураи ҳамон замон) дода шудааст. Яъне Нурматов таҳқиқоти В.М Беляевро бепоя ва нокомил дониста, дар такя ба ақидаи эътимодноки олимони тоҷик ба вижа Қобилова Б.Т. ва камина, бо далелҳои муътамад ба таҳқиқоти В.М Беляев ҷавоби илмӣ додааст.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф таърихи омӯзиши созҳои мусиқии колексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намудааст. Қайд мегардад, ки олимон ва пажуҳишгарони тоҷик Н.Ҳ.

Нурчонов, Н.Ҳакимов, А. Низомӣ, Х. Маҳмадамонов, Таваккалов Ҳ., З.Г. Нуров ва Ф. Шарифзода доир ба созҳои мусиқии чудогонаи осорхонаҳои кишвар дар таълифоти худ маълумот дода, акси бархе аз онҳоро низ ҳамчун сарчаша дар асарашон овардаанд. Зимни таҳлили таълифоти муҳаққиқони болозикр муалиф якчанд камбудӣ ва норасоиҳоро ошкор намуда, кайд менамояд, ки бояд минбаъд таҳқикоти созҳои мусиқӣ аз чониби муҳаққиқон чиддӣ сурат гирад.

Боби дуюм аз ду зербоб иборат буда, зербоби аввали он **“Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ дар каллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии халқи точик”** ва зербоби дуюми он **“Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳоии Суғд ва Хатлон”** гирифтаанд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки зимни таҳияи ин боб беш аз 700 адад созҳои мусиқии осорхонаҳои кишварро таҳқиқ намуда, ҳар яки онро андозагирӣ ва аккосӣ намуда, акси беҳтарин намунаҳои онро ба рисола замима намудааст.

Яке аз навгониҳои муаллиф ин аст, ки Феҳристи созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои кишварро таҳия намудааст, ки ин феҳрист дастоварди хуби илмӣ буда, минбаъд барои муаррихон, санъатшиносон, этнографҳо, осорхонашиносон ва фарҳангшиносон маводи зарурӣ хоҳад буд.

Нурматов дар саҳ. 25 автореферат хулосаи хеле дуруст баровварда чунин навиштааст: “дар аксарияти осорхонаҳои кишвар созҳои мусиқии воридшуда лируст ва дақиқ ба қайд гирифта нашудаанд ва шиносномаи илмӣ надоранд”. Ё худ : “иштибоҳи муҳаққиқон ин аст, ки созҳои мусиқии такмилиро ба намунаи созҳои қадимии точикон бе овардани далелҳои муътамад мансуб дониста, истифода кардаанд” (саҳ. 26).

Ин хулоса ва пешниҳодҳои муаллифи рисола барои ислоҳи вазъияти ногувори ба миён омада кӯмак хоҳад расонид.

Муаллиф дар хулоса натиҷаҳои таҳкикоташро ҷамъбаст намуда, барои минбаъд дуруст ба роҳ мондани фаъолияти осорхонаҳо дар кори ҳифзу муаррифии созҳои мусикӣ тавсияҳои муфид манзур намудааст.

Мазмуни рисола пурра дар маколаҳои чопшудаи аспирант инъикос ёфтаанд. Дар айни замон, дар матни автореферат як идда норасоиҳои ҷузъӣ низ дида мешавад. Муаллиф дар мавриди таҳлили адабиёти илмӣ доир ба ҳамин мавзӯъ баъзан ба саҳангорӣ роҳ додааст. Масалан ӯ китобчаи иборат аз чанд маълумоти аз маъхазҳои дигар иктибос овардаро (мураттибаш – Х. Низомов) ҳамчун "монография" номбар намудааст.

Аммо сарфи назар аз вуҷуди камбудиҳои ҷузъӣ, ки аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, он кори пухтаву мукаммал буда, бар асоси меъёру муқаррароти таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 – и КОА оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Нурматзода Ҳасан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

Тавсия дода мешавад, ки матни ин рисола ҳарчи зудтар барои доира васеи мутахассисони соҳаи санъати мусикӣ чоп карда шавад.

Доктори илмҳои санъатшиносӣ,
Мудири шуъбаи санъатшиносии
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Аслиддин Низомов

Имзои А. Низомовро
тасдиқ менамоям. Мудири шуъбаи кадрҳои Раёсати АИ ҶТ
М.Муродова